«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

профессор Ҳушвахтзода Қ.Х.

_____

«____» _____2021 с.

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи доктори фалсафа PhD Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло "Шеъри нав" ва таҳаввули анъанаи манзумасароӣ (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касроӣ, Суҳроб Сипеҳрӣ, ва Аскар Ҳаким) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – "Шарқшиносӣ" дар кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст. Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло пас аз хатми магистратураи факултети забонҳои Осиё ва Аврупо давраи докторантураро дар кафедраи филологияи Эрони факултети мазкур тайи солҳои 2018-2021 ба поён расонидааст. Мушовири илмии ӯ доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ мебошад. Мавзӯи диссертатсия дар шурои олимони факултети Осиё ва Аврупои ДМТ (25.01.2018 қарори №5) тасдиқ шудааст.

Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Диссертатсия ба таҳлилу баррасии яке аз мавзӯъҳои камшинохташуда дар чаҳорчӯби «шеъри нав», масъалаи таҳаввулу дигаргуние, ки бар асари зуҳури «шеъри нав», дар манзумасароӣ ё маснависароӣ дар адабиёти муосир ба вуҷуд омадааст, бахшида шудааст.

Аҳамияти таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки нахустин бор дар чаҳорчӯби диссертатсияи алоҳида дар адабиётшиносии тоҷик мавзӯи

«шеъри нав» ва таҳаввули суннати манзумасарой мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Шикастани суннати манзумасарой низ ба номи Нимо иртибот мегирад, зеро зери таъсири манзумаҳои Нимо Юшиҷ шоирони зиёде мисли С. Касрой, С. Сипеҳрӣ, М. Шаҳриёр бо арӯзи нимой манзума сурудаанд. Диссертант ба мақсади муайянсозии марзи ин таъсир шеъри шоирони дигар кишварҳои форсизабонро таҳлилу арзёбӣ намуда, дараҷаи ин таъсирро дар манзумаҳои шоирони муосири тоҷик, аз ҷумла М. Қаноат ва А. Ҳаким таҳқиқ намудааст. Ин ҷанба низ аз аҳамияту арзи таҳқиқ дарак медиҳад.

Дар диссертатсия таъкид шуда, ки перомуни нақши Нимо ва мактаби ӯ дар инкишофу пешрафти шеъри муосири форсӣ пажӯҳишҳои пуршуморе анҷом шудааст, вале ба таври алоҳида дар мавзӯи «шеъри нав» ва таъсири он дар таҳаввули суннати манзумасарой асари ҷудогонае таълиф нагардидааст. Тадқиқоти мавҷуд маъмулан ба манзумаҳои алоҳидае, ки ба шеваи навпардозона суруда шудаанд, ихтисос доранд. Аглаби муҳаққиқон мисли Яҳёи Ориянпур, Ризо Бароҳанӣ, Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Комёр Обидӣ, Сирус Шамисо, Умар Сафар ва дигарон зимни таҳқиқ ба манзумаҳои Нимо Юшиҷ ва Суҳроб Сипеҳрӣ дахл намудаанд.

Диссертант бар ин назар аст, ки таҳлилҳо бештар ба ҷанбаи муҳтавой ва дарунмояҳои манзумаҳо ихтисос доранд ва аносири таҷаддуду бидъат ва ҷузъиёти дигаргуниҳое, ки дар офариниши манзумаҳо ба зуҳур расида, аз мадди назари муҳаққиқон пинҳон мондааст. Мавзӯъ дар адабиётшиносии тоҷик аз ҷониби муҳаққиқоне мисли Хуршеда Отахонова, Аскар Ҳаким, Атохон Сайфуллоев, Худой Шарифзода ва дигарон равшанандозӣ шудааст. Дар ин замина махсусан монографияи Х.Отахонова «Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик» (1983) ва мақолаи ҷудогонааш бо номи «Сурӯши Сталинград»-и М.Қаноат ва баъзе масъалаҳои достони имрӯз» қобили таваҷҷуҳанд.

Марҳум Х. Шарифзода бошад, муфассал зимни арзёбии роҳи эҷодии М. Қаноат ба чигунагии таҳаввули жанри достон дар адабиёти

муосир изҳори назар намудааст. Мақсади асосии тахқиқ муайян ва мустанад сохтани заминаҳои таҳаввули суннати маснависарой (манзумасарой), бар мабнои таъсири «шеъри нав» ва махсусан манзумаҳои навпардозонаи Нимо Юшиҷ мебошад, ки ба гунаи шоиста диссертант ба он ноил омадааст.

Мутобиқи аҳдофе, ки дар таҳқиқ пешбинӣ шуда, мурури мухтасар ба ҷараёни зуҳур ва инкишофи ҷунбиши таҷаддудхоҳӣ дар адабиёти муосири Эрон ва баррасии фаъолияти пешгомони "шеъри нав" ва арзёбии шеваи навпардозонаи онҳо сурат гирифтааст. Гузашта аз ин дидгоҳҳои Нимо дар атрофи сабабу заминаҳои таҳаввули шеваи кори халлоқона, таҳлили манзумаҳои навпардозонаи шоир «Афсона» ва «Мурғи омин», шабоҳату тафовутҳои манзумаҳои ӯ бо маснавиҳои қадим таҳлилу арзёбӣ гардидааст.

Саъй шуда таъсирпазирии шоирони муосир дар манзумасарой аз Нимо таъйин гардад. Бад-ин манзур манзумаҳои С. Касрой «Ораши камонгир» ва «Мухраи сурх» ва маснавиҳои С. Сипеҳрӣ, «Садои пойи об» ва «Мусофир» таҳқиқу қиёс шудаанд. Бо назардошти ин ки шеъри нав дар Тоҷикистон низ масири муайянеро тай намуда ва аз таъсири шеъри нави Эрон канор намонда, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба таъсирпазирии шоирони тоҷик аз шеъри нави Эрон ва махсусан шеъри Нимо мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд. Махсусан масири рушду такомули маснавӣ дар шеъри имрӯзи тоҷик, таъсирпазирии шоирони тоҷик аз шеъри муосири Эрон ва таҳқиқи иҷмолии маснавиҳои М. Қаноат ва А. Ҳаким анҷом дода шудаанд.

Асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ. Диссертатсия бар мабнои назариёту дидгоҳҳои назарии муҳаққиқону эроншиносони ватаниву хориҷӣ махсусан пажӯҳишҳои назарии Р.Бароҳанӣ, М.Ш. Кадканӣ, К.Обидӣ, А.Зарринкуб, С. Муҳоҷиронӣ, Кляшторина В.Б. Отахонова Х., Ҳусейнзода Ш., Ҳодизода Р., Амонов Р., Раҳмонов Ш., Ҳирова М., ва дигарон таълиф шудааст.

Арзиши назарӣ ва амалии диссертатсия. Маводи диссертатсия, натиҷаҳои ба даст омада дар шинохти ҷараёни зуҳуру инкишофи «шеъри нав» ва ҷанбаҳои таҳаввули суннати манзумасароӣ дар адабиёти муосири форсӣ ва таъсирпазирии шоирони тоҷик аз раванди умумии «шеъри нав», арзишманд хоҳад буд. Натиҷаҳои таҳқиқро метавон зимни омӯзиши таърихи адабиёти муосир, шинохту маърифати тамоюлҳои навин дар назми муосири форсию тоҷикӣ мавриди истифода қарор дод. Маводи диссертатсия барои таҳия ва тадвини китобу дастурҳои таълимӣ дар заминаи таърихи адабиёт корсоз хоҳад буд.

Коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи филологияи Эрони ДМТ аз 27 феврали соли 2021, суратҷаласаи №7 муҳокима шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар мақолаҳои чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда, инъикос ёфтааст:

[1-М] Абдусаломзода А.М.Баъзе вижагиҳои манзумаи «Афсона»-и Нимо Юшиҷ [Матн] / А.М.Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Серияи «Филология». –Душанбе: Сино, 2019. -№3 -С. 255-259.

[2-М] Абдусаломзода А.М. Андешаҳои Нимо дар атрофи шеъри нави форсӣ [Матн] / А.М.Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Серияи «Филология». –Душанбе: Сино, 2019. -№6 -С. 225-228.

[3-М] Абдусаломзода А.М. Баъзе хусусиятҳои манзумаҳои “Санги ман-алмос”-и А.Ҳаким ва “Садои пойи об”-и С.Сипеҳрӣ [Матн] / А.М.Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Серияи «Филология». –Душанбе: Сино, 2020. -№8 -С. 215-220.

Кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи доктори фалсафа, PhD Абдусаломзода Абдумалик

Маҳмадулло “Шеъри нав” ва таҳаввули анъанаи манзумасарої (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касрої, Сухроб Сипеҳрӣ, ва Аскар Ҳаким) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – “Шарқшиносӣ” барои ҳимоя тавсия менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ қабул карда шудааст. Дар ҷаласа 13 нафар, аз ҷумла 3 нафар доктори илмҳои филологӣ, 6 нафар номзади илмҳои филологӣ иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – 0, «бетараф» – 0, қарори №7 аз 27-ми феврали соли 2021

Мудири кафедраи филологияи
Эрон, профессор Сафаров Умархоҷа Раҳимович

Котиби илмӣ: н.и.ф., дотсент, Тоҳирзода Сураёхон Тоҳирӣ

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17.
Тел.: +992 985786711
E-mail: tgnu@mail.tj
http://www.tnu.tj

Имзои Сафаров У.Р.
ва Тоҳирзода С.Т-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.